**ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР**

Кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварӣ

# ТАВСИФИ
# навъҳои пахтаи ватанӣ



**Душанбе – 2020**

Тавсифи навъҳои пахтаи ватанӣ дар натиҷаи таҳқиқотҳои бисёрсолаи олимон ба ҳисоб рафта дар он маълумот дар бораи хусусиятҳои морфологию биологӣ, нишондодҳои пуркиматӣ ва хоҷагидории онҳо нишон дода шудааст.

Ин мавод барои мутахассисони соҳаи аграрӣ, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ, иҷоракорон, донишҷӯён ва аҳолии кишвар, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ хизмат мекунанд, пешниҳод карда мешавад.

**Мураттибон:**

Саидзода С.Т., Суярова С.Ҷ.

## Пешгуфтор

Дар шароити Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъминкунандаи амнияти озуқавории кишвар, манбаи таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хом, бахши ташаккулдиҳандаи иқтидори содиротии мамлакат ва муҳимтар аз ҳама, заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати дорои имкониятҳои васеи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Бо назардошти ин, дар сурати оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолии соҳа метавонем аҳолиро бо маҳсулотҳои ғизоӣ ва саноатӣ намоем. Барои расидан ба ин ҳадафҳо аз ҷониби ҳукумати кишвар 17 барномаи давлатӣ қабул гардида, ислоҳоти замин, таҷдиди хоҷагиҳо ва рушди бахшҳои гуногуни кишоварзӣ мавриди чораҷӯӣ қарор доранд. Барои таъмини амнияти озуқавории кишвар татбиқи чорабиниҳои мушаххас доир ба истифодаи обу замин, баланд бардоштани ҳосилнокии он, аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои муосири ташкиливу ҳуқуқии хоҷагидорӣ зарур аст.

Пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин зироати стратегии содиротӣ ба шумор рафта, баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокӣ, дараҷаи тезрасӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти он вазифаи авалиндараҷа мебошад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ва шомил гаштани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо тақозо менамояд, ки навъҳоеро офарем, то ки ба талаботи рӯзафзуни замон ҳаматарафа ҷавобгӯ бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои расидан ба ин мақсад ва таъмини устувори даромаднокии соҳа, наъвҳои нави ихтироъшаванда бояд ҳосилнокии на кам аз 40-50 с/га дошта бошанд. Дар он ҳолат мо метавонем аз майдони 170 ҳазор гектар то 650-680 ҳазор тонна пахтаи хом истеҳсол намоем.

Нишондиҳандаи дигари сатҳи ҳосилнокии пахта, ин баромади нахи соф ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дастовардҳои селексионерони тоҷик нисбат ба дигар аломатҳои хуби селексионӣ, ба монанди вазни миёнаи як кӯрак, дарозӣ ва мустаҳкамии нах хело назаррас бошанд ҳам, лекин аломати баромади нахи соф беҳбудиҳоро талаб менамояд. Навъҳои селексияи маҳаллӣ нисбат ба навҳои хориҷӣ то ба андозаи 5-8% камтар нахи соф медиҳад. Аз ин лиҳоз мебояд, ки наъҳои нави ихтироъшаванда дар баробари доштани дигар аломатҳои хуби селексионӣ, боз дорои баромади баланди нахи соф (40-42%) бошанд.

Бинобар ин, олимони соҳаи ҷумҳурӣ тайи солҳои охир якчанд навъҳои серҳосилу тезрас, дорои сифати баланди нах ва ба касалиҳо устувори пахтаи миёнанаху маҳинахро офарида, онҳоро дар истеҳсолот татбиқ намуда истодаанд, ки тавсифоти асосии онҳо дар маводи мазкур ба мутахасисони соҳаи аграрӣ пешниҳод карда мешавад.

**Пахтаи миёнанахи Зарафшон-1**

Соли 2013 ноҳиябандӣ шудааст.

***Муаллифон*** Расулов С., Ҳайдаров З.Ё., Ҷаборов Х., Кароматов Ш., Назаров О мебошанд.

***Пайдоиш.*** Дар кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар натиҷаи интихоби инфиродии бисёркарата аз популятсияи ба касалии вилт тобовари навъи «Ҳисор» ба вуҷуд оварда шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Қади нихолаш 90-105 см, шаклаш пирамидамонанд, танаш устувор мебошад. Шохи моноподиалиаш 1-2 дона, шохи аввали ҳосилдеҳаш дар буғуми 4-5 пайдо мешавад. Баргаш сабзи ғафси 5 паррадор аст. Кӯракаш калони тухмшакли лӯнда нӯгаш тез, кушодашавиаш муътадил мебошад. Вазни пахтаи 1 кӯракаш 5,8-6,1 г аст. Давраи пухтарасиаш 105-116 рӯз буда ҳосили умумиаш 43,2 с/га, то хунукии аввали тирамоҳ 33,2 с/га-ро ташкил додааст. Дарозии нахаш 34,5-35,0 мм, мустаҳкамии нахаш 4,8 г.с. мебошад. Баромади нахаш 39,5-40,0 %, ба типи чорум тааллуқ дорад.

***Агротехникаи парвариш.*** Гузаронидани кишти хушсифат, тоқакунии ниҳолҳо, коркарди байни қаторҳо, ғизодиҳӣ.

***Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф.*** Навъ аз касалии вилт ба дараҷаи умумӣ 8-12% сироят меёбад.

***Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст.*** Ноҳияҳои Вахш, Носири Хисрав, Шаҳритуси вилояти Хатлон; минтақаи Кӯлоби ҳамин вилоят, дар вилояти Суғд ва водии Ҳисор. Хоки минтақа хокистарранги муқаррарӣ, равшан ва тира мебошад.

***Муҳлати оптимали кишт.*** Вобаста ба минтақаҳо дар вилояти Хатлон то 10-15 апрел, минтақаи Кӯлоб то 15-20 апрел, вилояти Суғд ва водии Ҳисор то 20-25 апрел гузаронидани кишт ба мақсад мувофиқ аст.
***Меъёри кишти чигит*** 100-120 кг/га.

**Пахтаи миёнанахи Суғдиён-2**

Ин навъ соли 2002 ноҳиябандӣ карда шудааст.

***Муаллифон*** Саидов С.Т., Носиров Ю.С., Маҳбубов А мебошанд.

***Пайдоиш.*** Олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо интихоби чандинкарата аз популятсияи навъи 1541 рӯёнидаанд.

***Тавсифоти умумӣ.*** Қади ниҳол 100-115 см, шаклаш ғуҷумкӯрак, танаш устувор мебошад. Дар танааш 1-2 шохи моноподиалӣ пайдо мешавад. Шохи аввалини ҳосилдеҳ дар буғумҳои 4-5-ум пайдо шуда, байни буғумҳояш кӯтоҳ (4-5 см)аст. Кӯракаш тухмшакл, ҳаҷмаш калону нӯгаш тези 4-5 палладор буда вазни як кӯракаш 6,4-6,5 грамм мебошад. Давраи нашъунамояш 118-120 рӯзро дарбар мегирад.

***Агротехникаи парвариш.*** Коркарди хок дар давраи нашъунамои ниҳолҳои пахта яке аз омили асосии агротехникии парвариши ҳосили фаровон ба ҳисоб меравад. Коркарди байни қаторҳои пахтаро аз давраи ҷавонии ниҳолҳо сар кардан лозим аст. Амали агротехникӣ имконият медиҳад, ки хок дуруст майда шуда, нуриҳо ба қабати он чуқуртар ҷойгир шаванд, тухми алафҳои бегонаю ҳашароти зараррасон ва касалиҳо кам ва ё нест гарданд.

***Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф.*** Саривақт гузаронидани мубориза бар зидди касалиҳо, ҳашароти зараррасон яке аз омилҳои асосии рӯёнидани ҳосили фаровони пахта ба ҳисоб меравад. Навъи Суғдиён-2 ба касалӣ устувор мебошад. Аз рӯйи имкон ворид кардани нуриҳои органикӣ ва минералӣ. Мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон бо усули биологӣ, кимиёвӣ ва механикӣ.

***Муҳлати оптималии кишт.*** Вобаста ба минтақаҳо дар минтақаҳои Қӯрғонтеппа то 10-15 апрел, минтақаи Кӯлоб то 15-20 апрел, вилояти Суғд ва водии Ҳисор то 20-25 апрел кишт карда мешавад.

***Меъёри кишти чигит*** барои пахтаи миёнанах аз 100-120 кг/га набояд кам бошад.

**Пахтаи миёнанахи “Ҳулбук”**

***Соли 2015*** ноҳиябандӣ шудааст.

***Муаллифон:*** Расулов С., Ҳайдаров З.Ё., Неъматов И.Ё, ва дигарон, мебошанд.

***Пайдоиш.*** Дар кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ба вуҷуд оварда шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Қади ниҳолаш 110-130 см, шаклаш силиндрмонанд, танаш устувор мебошад. Шохи моноподиалиаш 1-дона, шохи аввали ҳосилдеҳаш дар буғуми 4-5 пайдо мешавад. Барлгаш сабзи ғафси 5 паррадор. Кӯракаш калони тухмшакли лӯнда, нӯгаш начандон калон кушодашавиаш муътадил. Вазни пахтаи 1 кӯракаш 5,5-6,0 г. Даврai пухтарасиаш 100-120 рӯзро дарбар гирифта, ҳосилнокиаш 45,5 с/га -ро ташкил медиҳад. Дарозии нахаш 32,5-33,5 мм, мустаҳкамии нахаш 4,8 г.с. Баромади нахаш 36,1-37,3%, ба типи панҷум тааллуқ дорад.

***Агротехникаи парвариш.*** Гузаронидани кишти хушсифат, тоқакунии ниҳолҳо дар 1га, 85 ҳазор растанӣ, коркарди байни қаторҳо, ғизодиҳӣ. Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф. Навъ аз касалии вилт ба дараҷаи умумӣ 8-19% сироят меёбад.

Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст? ноҳияҳои Вахш, Носири Хисрав, Шаҳритуси вилояти Хатлон; минтақаи Кӯлоби ҳамин вилоят, дар вилояти Суғд ва водии Ҳисор.

***Муҳлати оптималии кишт.*** Вобаста ба минтақаҳо дар вилояти Хатлон то 10-15 апрел, минтақаи Кӯлоб то 15-20 апрел, вилояти Суғд ва водии Ҳисор то 20-25 апрел гузаронида мешавад.

***Меъёри кишти чигит*** 100-120 кг/га.

**Пахтаи миёнанахи навъи “Сорбон”.**

Ин навъ аз ҷониби олимони филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Суғд бо роҳи интихоби фардӣ аз дурагаи мураккаб (ТСХИ-174 (108-Ф х 05152) + Душанбе-10) офарида шуда, соли 2001 дар минтақаҳои пахтакори ҷумҳурӣ минтақабоб карда шудааст.

Муаллифонаш Тӯхтаев Я., Мансуров Н.И., Негматов М. ва дигарон.

Қади ниҳолаш дар заминҳои санглох ба 80-90 см ва дар заминҳои муқаррарии хокаш ҳосилхез ба 100-110 см мерасад. Танааш пашмакҳои на чандон зиёд дорад. Шохи моноподиалиаш 0-1 дона, шохҳои ҳосилдеҳ аз буғумҳои 5-6 пайдо мешаванд.

Кӯракаш миёнаҳаҷм, лӯндаи тухмшакли нӯгаш хурд аст. Баргаш 3-5 парра дошта, миёнаҳаҷм мебошад, парраи миёнаи барг шакли секунҷаи тез дорад. Вазни пахтаи як кӯракаш 5,1-5,5 грамм аст. Пунбадонааш тибити сафеди хокистарранг дорад. Вазни 1000 дона пунба 111 грамм мебошад. Давраи пухта расидани ҳосил дар хокҳои муқаррарӣ 123-125 рӯз аст.Навъ ба касалии вилт устувор буда, сироятшавии он ба касалии вилт 3-4 фоизро ташкил медиҳад.

Нахи навъи “Сорбон” ба типи панҷум мансуб аст ва бо сафедиаш фарқ мекунад. Дарозии нахаш 32,7 мм, баромади нах 39,1 фоиз мебошад. Ҳангоми пурра риоя намудани агротехникаи парвариш ҳосилнокӣ то 40-45 с/га мерасад.

**Пахтаи миёнанахи навъи “Зарнигор”**

Ин навъи тезрас дар Институти зироаткорӣ бо усули ЭN консентратсияи 0,02 % + ТАБК 0,02 % дар пунбадонаи навъи “Кирғиз-3” дар натиҷаи интихоби фардӣ дар заминҳои аз касалии вилт сироятёфта офарида шудааст.

Муаллифон: Г.М.Горшкова, А.Маҳмудҷонов, А.Мирзораҳимов, Т.Х.Таджибаева, А.Холматов, Т. К.Яҳёев.

Навъ соли 2005 бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳиябандӣ карда шудааст.

Ниҳолаш сершохаи ба ҳар тараф паҳншуда, қади он ба 110 - 115 см баробар аст. Танааш – боқувват, кам мӯина дорад. Ниҳолаш хоб намекунад. Навдаи моноподиалиаш 0-1 дона, дар баъзе мавридҳо надорад. Навдаи якуми ҳосилдеҳ дар буғуми 4-5 пайдо мешавад. Баргаш миёнаҳаҷм, сабз, панҷ парраи дарозранг дорад.

Ҳаҷми гулаш миёна, ранги гулбаргу гарддонаш зарди сафедча. Андозаи баргчаҳои назди гул миёна буда, бо 10-12 дандонадор буда, нисфи кӯракро мепушонад.

Кӯракаш миёнаҳаҷм, лӯндашакли нӯгаш кунд. Кӯракҳояш нағз кушода мешаванд, агар сари вақт чида нашавад, пахтааш мерезад. Вазни пахтаи як кӯрак – 5,2-6,0 г. Ҳаҷми пунбадонааш миёна, тибитдор, ранги тибиташ бӯри сафедранг. Вазни 1000 дона пунбадона 110 -115 грамм.

Давраи нашъунамои навъи “Зарнигор” 115 - 118 рӯз аст. Нахаш маҳини дароз 34,5 мм. Баромади нах 35,5 - 36,5 фоиз. Ба типи - панҷум таалluқ дорад. Аз касалии вилт 4,4-5,5 фоиз сироят меёбад.

Ҳангоми пурра риоя намудани агротехникаи парвариш ҳосили умумиаш 43 - 44 с/га-ро ташкил медиҳад.

**Пахтаи миёнанахи навъи “Ирам-IМН»**

Навъи пахтаи тезраси миёнанахи серҳосил дар филиали Суғди Институти зироаткорӣ бо роҳи интихоби аз оилаи №2х60 офарида шудааст, ки ин оила аз ангезиши дурагаи с-9063 х 9065 бо гардолудкунии намудҳои гуногуни худрӯйи мексиканум ҳосил шудааст.

Муаллифон: Маҳмудҷонов А.М., Ҷӯраев А. ва дигарон.

Навъи пахтаи “Ирам-IМН» соли 2005 ноҳиябандӣ карда шудааст. Ба гурӯҳи тезрас таалluқ дорад.

Ниҳолаш аҳромшакл, қадаш 110-115 см, хоб намеравад. Баргаш сабз, ҳаҷмаш миёна, панҷпарраи миёна, гулаш миёна, гулбаргҳои нарина ва

модина ранги сафеду зардчатоб дошта, кӯракаш миёна, дарозшакл 5 паллагӣ, нағз мешукуфад. Сатҳаш ҳамвор, вазни ҳар як кӯрак 5,5-5,8 грамм, ҳаҷми тухмиаш миёна, байзашакл, рангаш хокистарранг. Вазни 1000 дона тухмӣ 105-112 грамм. Давраи нашъунамо 115-120 рӯз, ҳосилнокӣ 40 с/га –ро ташкил медиҳад.

Таҳқиқотҳои соли 2008-2012 нишон доданд, ки ҳосили умумии пахтаи навъи "Ирам-IМН» дар парвариши зери плёнка 39,0-51,6 с/га ё 7,5-11,5 с/га нисбат ба кишти муқаррарӣ зиёд аст.

Навъ дорои хусусиятҳои физикию механикии типи панҷӯмро дорост: дарозии штапелӣ 33,8-34,1 мм, доштнокиаш 4,5 г.с., хати зичӣ 25,9-26,0 г/текс. Баромади нахаш 34,8-36,0%.

**Пахтаи миёнанахи навъи "ВД-11»**

Навъи ВД-11 дар филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон бо истифодаи усули бордоркунии мураккаби навъу шаҷараҳои Л-109-15х133 офарида шудааст.

Муаллифон: Сангинов Б.С., Сангинов А., Мусоев М., М.Очилдӣ.

Навъ соли 2008 ноҳиябандӣ карда шудааст.

Қади ниҳоли ин навъ 100-105 см, гулаш сафеди каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 2,8 см, порабарги назди гул 3 дона. Дарозии думчаи гул 2,7 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳандааш аз 4 - 5 буғум пайдо мешавад. Кӯракаш назар ба дигар навъҳои пахтаи миёнанах калон аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 5,9 – 6,5 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 дона пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона каме тез, вазни 1000 дона пунбадона 110-115 грамм, дарозии нахи пахта 34,3-35,0 мм, баромади нахаш 36,0 – 37,5%, ба типи панҷум мансуб аст.

Шохарониаш миёна буда, ба гуруҳи миёнапаз мансуб аст, пухта расиданаш 129-132 рӯз, ба касалиҳо тобовар аст.

Зичии мӯътадили ниҳол дар як гектар 85-90 ҳазор бутта аст.

## Пахтаи миёнанахи навъи “Зироаткор-64”

Ин навъи тезрас дар Институти зироаткорӣ дар натиҷаи интихоби фардӣ аз дурагаи байнинавъӣ (108-Ф х Ташкент-3) аз оилаи № 1083 офарида шудааст.

Муаллифон: Маҳмудҷонов А., Яҳёев Т.Қ., Ниъматов М.М. ва дигарон.

Соли 2010 бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳиябандӣ шудааст.

Қади ниҳолаш 105 - 110 см, аҳромшакл буда, танааш устувори бе мӯина. Ниҳолаш хоб намекунад. Шохаи моноподиалиаш якто аст. Навдаи якуми ҳосилдеҳаш дар буғуми 4-5 ҷойгир аст. Баргаш  миёнаҳаҷм, сабзи панҷ палла дорад. Гулаш миёнаҳаҷм. Ранги гулбаргу гарддонаш зарди сафедча. Кӯракаш калонҳаҷм, тухмшакли нӯгаш кунд, 4-5 палла дорад. Кушодашавии кӯракаш хуб.

Вазни пахтаи як кӯрак 5,8-6,0 г. Ҳаҷми пунбадона - миёна, тибиташ сафед. Вазни 1000 дона пунбадона 118 грамм аст.

Давраи нашъунамои навъи “Зироаткор-64” 123 - 125 рӯзро дар бар мегирад. Нахаш маҳини дароз 36,4-37,7 мм. Баромади нах 37,8-38,8%. Навъ ба типи панҷум мансуб буда ба  касалии вилт тобовар аст.

Дар ҳолати риояи қоидаҳои технологияи парвариш, ҳосили умумӣ то 44-47 с/га-ро ташкил медиҳад.

## Пахтаи миёнанахи навъи “Шарора-1020”

Навъ дар Институти зироаткорӣ дар натиҷаи интихоби фардӣ дар заминҳои аз касалии вилт сироят ёфта, аз дурагаҳои (Меҳргон х Назилли-84) офарида шудааст. Ба гурӯҳи тезрас дохил мешавад.

Муаллифон:  Яҳёев Т.Қ., Ниъматов М.М., Саидов С.Т. ва дигарон.

Навъ соли 2012 бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақабоб гардидааст.

Ниҳоли он ғуҷуми аҳромшакл. Қадаш – 95 - 110 см. Танааш сабзу боқувват, мӯина дорад, дар охири мавсим ҷигарранг мешавад. Ниҳолаш хоб намекунад. Шохаи моноподиалиаш 0-1 дона, дар баъзе мавридҳо надорад. Навдаи якуми ҳосилдеҳаш дар буғуми 4-5 пайдо мешавад. Баргаш миёна, сабзи 5-паррадор. Гулаш ҳаҷми миёна дорад. Ранги гулбаргу гарддонаш зарди сафедча. Андозаи баргчаҳои назди гул миёна буда, бо 10-12 дандонадор нисфи кӯракро мепӯшонад.

Кӯракаш миёна, тухмшакли лӯнда, нӯгаш на чандон калон, панҷ палла дорад. Кӯракаш нағз мешукуфад. Вазни пахтаи як кӯрак 5,8 - 6,2 г. Пунбадонааш миёна, тибитдор, ранги тибиташ сафед. Вазни 1000 дона пунбадона 115-120 грамм мебошад.

Давраи нашъунамои навъи "Шарора-1020" 115 - 120 рӯз аст. Нахаш маҳини андозааш 34 мм. Баромади нах 36,0 - 37,0%. Навъ ба типи панҷум мансуб аст. Аз касалии вилт 4-6,8% сироят меёбад.

Дар ҳолати риоя кардани агротехникаи парвариш, ҳосили умумӣ ба 40 - 42 с/га мерасад.

**Пахтаи миёнанахи навъи «Б-70»**

Пахтаи навъи "Б-70" дар филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон бо усули интихоби фардӣ офарида шудааст.

Муаллифон: Сангинов Б.С., Сангинов А.С. ва дигарон.

Навъ соли 2014 бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақабоб карда шудааст.

Қади ниҳоли ин навъ 100-105 см, хоб намеравад. Гулаш сафед, каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 2,8 см, порабарги назди гул 3 дона. Дарозии думчаи гул 2,7 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда аз 4-5 буғум пайдо мешаванд. Кӯракаш назар ба дигар навъҳои пахтаи миёнанах калон аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 6,3- 7,0 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча

пайдо мешавад. Патнокии пунбадона – миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона каме тез, вазни 1000 донаш 125-130 грамм, дарозии нахи пахта 34,6-35,0 мм, баромади нахаш 38,5 – 39,0%, ба типи чорум мансуб аст.

Шохарониаш миёна буда, ба гурӯҳи миёнапаз мансуб аст, давраи нашъунамояш 120-125 рӯзро дар бар мегирад. Ба касалии вилт тобовар аст. Зичии мӯътадили ниҳол 90 - 95 ҳазор дар як гектар.

**Пахтаи миёнанахи навъи «Тоҷикистон»**

Ин навъ соли 2015 бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва мӯҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақабоб гардидааст.

Муаллифон: Абдуллоев М.Н., Саъдуллоев С., Ҳисайнов Н.С., Ҷумъаев Т.

Қади ниҳоли ин навъ 120-130 см, хоб намеравад, шохаҳои моноподиалӣ дар баъзе мавридҳо пайдо мешаванд. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 3 см, порабарги назди гул 3 дона ва 9 парра дорад. Дарозии думчаи гул 2,8 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар 4-5 буғум пайдо мешаванд. Кӯракаш назар ба дигар навъҳои пахтаи миёнанах калон аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 6,5-7,0 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пумбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона каме тез, вазни 1000 донаш 115-120 грамм, дарозии нахи пахта 33-35 мм, баромади нахаш 37-38%, ҳосилнокӣ 45-50 с/га, ба типи чорум мансуб аст.

Шохаронии ниҳол миёна буда, ба гурӯҳи миёнапаз мансуб аст, давраи нашъунамояш 120-125 рӯз, ба касалии вилт тобовар аст.

Мӯҳлати сарчинкунӣ дар даҳрӯзаи сеюми моҳи июл, зичии мӯътадили ниҳолҳо 70-80 ҳазор дар як гектар аст.

**Пахтаи миёнанахи навъи «Хатлон-2011»**

Навъ дар филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон бо усули интихоби фардӣ офарида шудааст.

Муаллифон: Абдуллоев М.Н., Ҳисайнов Н.С. ва дигарон.

Ин навъ соли 2015 бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мимнтақабоб шудааст.

Қади ниҳоли ин навъ 100-110 см, хоб намеравад. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 3 см, порабарги назди гул 3 дона ва 9 парра дорад. Дарозии думчаи гул 2,8 см аст.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар буғуми 3- 4 пайдо мешаванд. Кӯракаш миёна аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 5,0-5,5 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 дона пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона каме тез, вазни 1000 дона пунбадона 115-120 грамм, дарозии нахи пахта 30,8 мм, баромади нахаш 41,5 - 42,0%, ҳосилнокӣ 50-55с/га, ба типи чорум мансуб аст.

Шохарониаш миёна, ба гуруҳи миёнапаз мансуб буда, давраи нашъунамояш 115-120 рӯз, ба касалиҳо устувор аст.

Дар бисёр ҳолат ба сарчинкунӣ эҳтиёҷ надорад. Зичии мӯътадили ниҳолҳо 80-90 ҳазор дар як гектар.

**Пахтаи миёнанахи навъи “Намангон-77”**

Дар Институти илмию таҳқиқотии селексия ва тухмипарварии пахтаи ба номи Г.С.Зайтсеви Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо усули интихоби фардӣ аз дурагаи табиии навъи С-6526 дар натиҷаи гардолудкунии навъи 159-Ф ва пахтаи нимёбоии пунктатум (05152) бароварда шудааст. Қади ниҳолаш 100-110 см, 1-2 шохи моноподиалӣ дорад. Ниҳолаш шохаҳои кӯтоҳ дошта, андаке мӯинадор аст. Шохи аввалини ҳосилдеҳ дар буғумҳои 5-6 пайдо мешавад. Навъ ба гурӯҳи миёнапаз дохил мешавад.

Кӯракаш лӯндаи тухмшакл, нӯгаш на чандон калон, 4-5 палладор аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯракаш 4,3-5,2 грамм.

Давраи пухтарасиаш 125-135 рӯзро ташкил медиҳад. Ба касалии вилт нисбатан тобовар буда, 15-25% сироят меёбад. Пунбадона тибитдор, вазни 1000 донаш 100-104 грамм. Навъ ба типи панҷум мансуб аст. Дарозии нахаш 33,7 мм, баромади нах 38,5%.

Ба касалии вилт нисбатан устувор аст. Тибити пунбадона хокистарранги сабзтоб аст. Вазни 1000 дона пунбадона 120-125 грамм. Дарозии нахаш 34 мм, баромади нах ба 35,6% баробар аст.

**Пахтаи миёнанахи навъи «Флора»**

Қади ниҳоли ин навъ 100-110 см, хоб намеравад, шохаҳои моноподиалӣ дар баъзе мавридҳо пайдо мешавад. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 2,8 см, порабарги назди гул 3 дона. Дарозии думчаи гул 2,7 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар 3-4 буғум пайдо мешаванд. Ҳаҷми кӯракаш миёна аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 5,0-5,5 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пумбадона каме тез, вазни 1000 донаш 115-118 грамм, дарозии нахи пахта 32-33 мм, баромади нахаш 42%, ба типи чорум мансуб аст.

Шохаронии ниҳол миёна буда, ба гурӯҳи миёнапаз мансуб аст. Давраи нашъунамо 130-135 рӯз буда, ба касалиҳо тобовар аст.

Дар бисёр ҳолат ба сарчинкунӣ эҳтиёҷ надорад. Зичии мӯътадили ниҳолҳо 60-70 ҳазор дар як гектар аст.

**Пахтаи миёнанахи навъи «Кармен»**

Баландии ниҳоли ин навъ 100-110 см, хоб намеравад, шохаҳои моноподиалӣ дар баъзе мавридҳо пайдо мешаванд. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад.

Дарозии шонагул то 2,8 см, порабарги назди гул 3 дона. Дарозии думчаи гул 2,7 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар буғум 3-4 инкишоф меёбад. Кӯракаш назар ба дигар навъҳои пахтаи миёнанах калон аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 5,0-5,8 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 дона пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона каме тез, вазни 1000 донаш 115-120 грамм, дарозии нахи пахта 32-33 мм, баромади нахаш 40-41%, ба типи чорум мансуб аст.

Шохаронии ниҳол  миёна буда, ба гурӯҳи миёнарас мансуб аст, Давраи нашуънамо 135-140 рӯз буда, ба касалиҳо тобовар аст.

Дар бисёр ҳолат ба сарчинкунӣ эҳтиёҷ надорад. Зичии мӯътадили ниҳолҳо 60-70 ҳазор дар як гектар аст.

**Пахтаи миёнанахи навъи «Хатлон»**

Муаллифон: Абдуллоев М.Н., Ҳисайнов Н.С., Ҷумаев Т.

Баландии ниҳоли ин навъ 120-130 см, хоб намеравад, шохаҳои моноподиалӣ надорад. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 3 см, порабарги назди гул 3 дона ва 9 парра дорад. Дарозии думчаи гул 3,0 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар 3-4 буғум пайдо мешавад. Кӯракаш миёна аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 4,5-5,0 грамм, ранги нахи пахта сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 дона пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона ками тез, вазни 1000 донаш 95-105 грамм, дарозии нахи пахта 33-34мм, баромади нахаш 36-36,5%, ба типи чорум мансуб аст.

Шохаронии он  ба типи сифрӣ, ба гурӯҳи тезрас мансуб аст, давраи нашъунамояш 95-100 рӯз, ба касалиҳо тобовар аст.

Давраи сарчинкунӣ даҳаи сеюми моҳи июл, зичии мӯътадили ниҳолҳо 90-100 ҳазор дар як гектар аст.

## Пахтаи миёнанахи навъи «Нодир»

Пахтаи навъи миёнанахи гуруҳи миёнапази навъи «Нодир» дар филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон бо усули интихоби фардӣ офарида шудааст.

Муаллифон: Абдуллоев М.Н., А. Қодирӣ., Ҷумъаев Т., Ҷӯраев К.

Қади ниҳоли ин навъ 100-110 см, хоб намеравад. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 2,8 см, порабарги назди гул 3 дона. Дарозии думчаи гул 2,7 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар 3-4 буғум пайдо мешаванд. Кӯракаш назар ба дигар навъҳои пахтаи миёнанах калон аст. Вазни пахтаи ҳар як кӯрак 5,5-6,0 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 дона пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯги пунбадона каме тез, вазни 1000 донаш 115-120 грамм, ҳосилнокӣ 55-60 с/га дарозии нахи пахта 33-34 мм, баромади нахаш 41,5-42,0 %, ба типи чорум мансуб аст.

Шохарониаш миёна буда, ба гуруҳи миёнапаз мансуб аст, давраи нашъунамояаш 120-125 рӯз, ба касалиҳо тобовар аст.

Мӯҳлати сарчинкунӣ даҳаи сеюми моҳи июл, зичии мӯътадили ниҳолҳо 70-80 ҳазор дар як гектар.

## Пахтаи миёнанахи навъи «Водии Заррин»

Навъ дар филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон бо усули интихоби фардӣ офарида шудааст.

Қади буттаи ин навъ 110-120 см, хоб намеравад. Гулаш аз дур сафед, аз наздик каме зарчатоб аст, баъд аз бордоршавӣ рангаш сурх мешавад. Дарозии шонагул то 2,8 см, порабарги назди гул 3 дона. Дарозии думчаи гул 2,7 см.

Навдаҳои ҳосилдиҳанда дар 3-4 буғум пайдо мешаванд. Кӯракаш назар ба дигар навъҳои пахтаи миёнанах калон аст. Вазни пахтаи ҳар як

кӯрак 5-6 грамм, ранги нахи пахтааш сафед, дар ҳар як қисми ғӯза 8-9 дона пунбадона мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо дар болои кӯрак ранги сурхча пайдо мешавад. Патнокии пунбадона миёна, рангаш сафедчатоб, нӯки каме тез дорад, вазни 1000 дона пунбадона 120-125 грамм, дарозии нахи пахта 32-33мм, баромади нахаш 42%, ба типи чорум мансуб аст.

Шохарониаш миёна буда, ба гуруҳи миёнапаз мансуб аст, давраи нашъунамои ин навъ ба 120-125 рӯз, ба касалиҳои вилт тобовар аст.

Мӯҳлати сарчинкунӣ даҳаи сеюми моҳи июл, зичии мӯътадили ниҳолҳо 70-80 ҳазор дар як гектар мебошад.

**Пахтаи миёнанахи навъи "Бухоро-6"**

Навъи "Бухоро-6" дар Стансияи таҷрибавии пахтакории Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо усули дурагакунии байни навъҳои Тошкент-1 х 9647-И аз тарафи А.Ш.Баталов ба вуҷуд оварда шудааст.

Баландии буттаи он 100-110 см, сутуншакл, танааш ранги сабзи сиёҳтоб дошта андаке мӯина дорад. Ниҳолаш бақувват, хоб намеравад ва шохаҳояш ба типи 1,5-2 мувофиқ буда дар фасли тирамоҳ ҷигарранги сиёҳтоб мешавад. Навдаҳои аввалини ҳосилдиҳандаи он дар буғмҳои 6-7 пайдо мешавад. Баргоҳояш калон, 3-5 паррадор, рангаш сабзи сиёҳтоб. Нӯги барги миёнаш секунҷашакл аст.

Ҳаҷми гулаш калону гулбаргаш зардчатоби равшан. Косабарги назди гул ҳаҷми миёна дошта, 12-14 дандона дорад. Кӯракаш тухмшакл, ҳаҷмаш калону нугаш майда, 4-5 палладор, кушодашавиаш мӯътадил. Вазни пахтаи як кӯрак 6,5-6,8 г. мешавад.

Наъви "Бухоро-6" ба гурӯҳи пахтаҳои дерпаз дохил мешавад. Давраи нашъунамои ин навъ 136-140 рӯз, дар заминҳои серсанг кӯракҳо 4-5 рӯз пештар кушода мешаванд. Ин навъ ба касалии вилт нисбатан устувор аст. Тибити пунбадонаи навъ хокистарранги сабзчатоб аст. Вазни 1000 дона пунба 120-125 г аст.

Нахи навъи "Бухоро-6" ба типи 5-ум дохил мешавад. Дарозии нах 34 мм, рақами метрикии он 60-20, қуввати кандашавиаш 4,5-4,6 г.с., дарозии кандашавиаш 28,3 км ва баромади нах ба 35,6% баробар аст.

Сарчинкунии ниҳолҳои пахтазорро дар ҳолати пайдо шудани 13-15 навдаҳои ҳосилдиҳанда гузаронидан лозим аст.

Зичии мӯътадили ҷойгиркуни ниҳолҳо дар заминҳои серхок 90-100 дар заминҳои камхоки серсанг 105-115 ҳазор бех дар як гектар мебошад.

**Пахтаи миёнанахи «Ориёӣ»**

Дар соли 2006 ба санҷиши давлатӣ супорида, соли 2011 дар истеҳсолоти ҷумҳурӣ минтақабоб шудааст.

***Муаллифон:*** А.Маҳмудҷонов, К.Ҷӯраев, Ҷ.Ғозиев ва дигарон.

***Пайдоиш.*** Олимони филиали дар Суғд будаи Институти зироаткорӣ ва мутахасисони ҶСШК ба номи Э.Бойматоваи ноҳияи Конибодом дар заминҳои аз касалии вилт сироятёфта бо усули интихоби фардӣ аз оилаи №89 дурагаи намуди Гос.Хирзутум байни навъҳои 175-ф ва омехтаи чанги гули Пулотон ва Фарғона-3 навъи мазкурро офариданд.

***Тавсифоти умумӣ.*** Ниҳолаш аҳромшакли сербар, қадаш 100-110 см, тана ва шохи ҳосилдеҳаш пашмак дорад, рангаш ҷигарии баланд. Ниҳолаш хоб намекунад, 1-2 шохи моноподиалӣ дорад. Типи шохрониаш 1,5, шохи ҳосилдеҳ дар буғуми 5-6-ум. Баргаш панҷ парра дорад. Ранги гулбарг ва гарддонаш зарди равшан. Кӯракаш тухмшакл, панҷпаллагӣ, нағз мешукуфад. Вазни пахтаи як куракаш 5,9-6,3 г. Вазни 1000 дона чигит 123 г. Баромади нахи навъи Ориёӣ 35,9-37%.

Дарозии нахи ин навъ 34,4 мм ва ба типии чорум мансуб аст. Давраи нашъунамои ин навъ 125-127 рӯз баробар аст. Дар натиҷаи санҷишҳои ҳаматарафа муқаррар карда шуд, ки ҳосили ин навъ то хуникиҳо 30-36 с/га ва ҳамагӣ 39-41,2 с/га ва ё нисбат ба стандарт 2,8-4 с/га зиёд аст.

***Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф.*** Ниҳоли навъи Ориёӣ ба ҳашарот ва касалии вилти вертисиллиоз хеле тобовар аст.

***Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст.*** Дар тамоми минтақаҳои пахтакорӣ ҷумҳурӣ тавсия дода мешавад

***Муҳлати оптимали кишт.*** Муҳлати кишт даҳрузаи якуми моҳи апрел. Дар ҳар метри тӯлонӣ 5-6 ниҳол гузошта мешавад.

***Меъёри кишти чигит***. Меъёри кишт ба ҳар гектар 100 кг, ҳангоми кишти чигити луччак 30-35 кг/га.

***Меъёри гизо.*** Дар давраи нашъунамо се мароти озуқа ба ҳар гектар 180-200 кг нитроген, 120 кг фосфор ва 60 кг нурии калийдор андохта мешавад.

***Меъёри обмонӣ.*** Дар қитъаҳои оби зеризаминиаш чуқур ва хокаш сабук аз рӯйи нақшаи 1-4-2 ва ҳангоми наздик будани оби зеризаминӣ аз рӯйи нақшаи 1-3-1 об монда мешавад. Давраи обмонӣ 16 руз.

**Пахтаи миёнанахи «Ҳисор»**

Навъи «Ҳисор» соли 1995 ба Комиссияи давлатии навъсанҷӣ супорида шуда, соли 1998 ноҳиябандӣ гардид.

***Муаллифон:*** Маҳмудҷонов, Алямов Б., Ниъматов М.М., Мирзораҳимов А. ва дигарон.

***Пайдоиш:*** Навъ дар Институти илмию тадқиқотии зироаткорӣ дар натиҷаи интихоби фардӣ аз насли дурагаи $F_3$ (Ташкент-1 х 02800 ссп), Пурпуратсенс х 02700 бароварда шудааст.

***Тавсифоти умумӣ:*** Қади ниҳол 90-100 см, танаш пашмакдори ҷигарранг. Шохи моноподиалӣ 0-1 дона, шохи аввали ҳосилдеҳ дар буғуми 4-5-ум ҷойгир аст. Баргаш сабзи 5-паррадор. Кӯракаш тухмшакли лӯнда. Вазни пахтаи як кӯрак 6,0 г. Вазни 1000 пунбадона - 115-118 г.

Навъ ба гуруҳи тезрас мансуб буда, давраи пухта расидани ҳосил 110-112 рӯзро дар бар мегирад. Баромади нах 36-37%. Ба типи панҷум тааллуқ дорад.

***Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф.*** Навъи Ҳисор аз касалии вилт ба дараҷаи умумӣ 8-17% сироят меёбад.

***Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст.*** Дар минтақаи Вахш, Носири Хусрав, Шаҳритус, минтақаи Кӯлоб; дар вилояти Суғд ва водии Ҳисор парвариш карда мешавад.

***Мӯҳлати оптимали кишт.*** Вобаста ба минтақаҳо дар вилояти Хатлон то 10-15 апрел, минтақаи Кӯлоб - 15-20 апрел, вилояти Суғд ва водии Ҳисор - то 20-25 апрел кишт кардан лозим аст.

***Меъёри кишти чигит***. Дар шароити ҳозира барои пахтаи миёнанах аз 100-120 кг/га набояд кам бошад.

**Пахтаи миёнанахи «Меҳргон»**

Ба комиссияи давлатии навсанҷӣ соли 1994 супорида шудааст.

***Муаллиф:*** Маҳмудҷонов А.

***Пайдоиш.*** Ин навъи тезпаз дар Институти илмию тадқиқоти зироаткории Тоҷикистон дар натиҷаи интихоби фардӣ аз дурагаи С-9063 х С-9065 баровarда шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Қади ниҳолаш 90-110 см, танаш андаке пашмак дорад. Ниҳолаш хоб намекунад. Навдаи якуми ҳосилдеҳаш дар буғуми 5-6 ба вуҷуд меояд. Кӯракаш бо ҳаҷми миёна, тухмшакли лӯнда нӯгаш на чандон калон, панҷ палла дорад. Вазни пахтаи як кӯрак 5,6 г. Вазни 1000 дона чигиташ 110-115 г. мебошад. Давраи нашъунамои навъи Меҳргон 120-123 рӯз аст. Нахаш маҳини дароз 34 мм, баромади нах 35,6-37,4%. Аз касалӣ 9,2-12% сироят меёбад.

***Агротехникаи парвариш.*** Баробари пайдо шудани қаторҳои сабз култиватсияи якумро гузаронидан лозим мебошад. Минтақаи култиватсияшаванда набояд аз 35-40 см кам бошад. Дар давраи нашъунамои пахта коркарди хоки байни қаторҳо бо қувваи даст, яъне чобуккунӣ ҳам иҷро карда мешаванд. Ягонакунӣ низ амалиёти муҳим ба шумор меравад, агар ягонакунӣ то 3-4 барги ҳақиқӣ пайдо кардани ниҳолҳо қафо партофта шаванд, ин боиси 2,0-2,5 с/га паст шудани ҳосилнокии пахта мегардад.

***Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф.*** Навъ ба касалии вилт тобовар аст.

***Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст.*** Дар минтақаҳои Вахш, вилояти Хатлон, минтақаи Кӯлоби ҳамин вилоят; дар вилояти Суғд ва водии Ҳисор кишт карда мешавад.

***Мӯҳлати оптимали кишт*** вобаста ба минтақаҳо дар вилояти Хатлон то 10-15 апрел, минтақаи Кӯлоб то 15-20 апрел, вилояти Суғд ва водии Ҳисор то 20-25 апрел.

***Меъёри кишти чигит*** дар шароити ҳозира барои пахтаи миёнанах аз 100-120 кг/га набояд кам бошад.

**Пахтаи миёнанахи «Дӯстӣ-ИЗ»**

Соли 2012 ноҳиябандӣ шудааст.

***Муаллифон:*** Саидов С.Т., Яҳёев Т.Қ., Ниъматов М.М. ва дигарон.

***Пайдоиш.*** Дар Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо интихоби чандинкарата аз дурагаи Суғдиён-2 х ТСХИ х (Намангон-77) ихтироъ шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Қади нихолаш 110-115 см, шаклаш ғуҷумкӯрак, танаш устувор мебошад. Шохи моноподиалиаш 1-2 дона, шохи аввали ҳосилдеҳаш дар буғуми 4-5 пайдо мешавад. Баргаш сабзи ғафси 5-паррадор. Кӯракаш калони тухмшакли нӯгаш тез, кушодашавиаш муътадил. Вазни пахтаи 1 кӯракаш 5,2 г. Давраи пухтарасиаш 130 рӯз. Ҳосили умумиаш 43,2 с/га, то хунукии аввали тирамоҳ 33,2 с/га-ро ташкил дод. Дарози нахаш 35 мм, мустаҳкамии нахаш 4,8 г.с. Баромади нахаш 36,7%, ба типи панҷум тааллуқ дорад.

***Агротехникаи парвариш.*** Гузаронидани кишти хушсифат, тоқакунии ниҳолҳо, коркарди байни қаторҳо, ғизодиҳӣ.

***Устуворӣ ба касалиҳо ва омилҳои муҳити атроф.*** Навъ аз касалии вилт ба дараҷаи умумӣ 8-19% сироят меёбад.

***Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст:*** минтақаи Вахш, Носири Хисрав, Шаҳритуси вилояти Хатлон; минтақаи Кӯлоби ҳамин вилоят, дар вилояти Суғд ва водии Ҳисор.

***Мӯҳлати оптимали кишт.*** Вобаста ба минтақаҳо дар вилояти Хатлон то 10-15 апрел, минтақаи Кӯлоб то 15-20 апрел, вилояти Суғд ва водии Ҳисор то 20-25 апрел.

***Меъёри кишти чигит*** 100-120 кг/га.

**Пахтаи миёнанахи «Пулотон»**

Соли 1999 дар ҷумҳурӣ минтақабоб карда шуд.

***Муаллифон*** А.Маҳмудҷонов, К.Ҷӯраев, Ҷ.Ғозиев, Н.Иномов.

***Пайдоиш:*** дар натиҷаи ҳамкории олимони филиали дар вилояти Суғд будаи Институти зироаткорӣ ва мутахассисони ҶСШК ба номи Э.Бойматоваи ноҳияи Конибодом бо усули интихоби фардӣ аз дурагаи 175-Ф ва омехтаи чанги гули навъи Меҳргон + 9326-В ҷудо карда шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Ниҳолаш аҳромшакл, қадаш 100-110 см, шохи ҳосилдеҳаш типи 1,5-2, танаш сабзу бақувват, пашмакаш бисёр, 1-2 шохи моноподиалӣ дорад. Навдаи ҳосилдеҳаш дар буғуми 5-6 қарор дорад. Баргаш 5 парра дорад. Ҳаҷми баргакҳои назди гулаш миёна, 9-11 дандона дорад. Кӯракаш тухмшаклу нӯгаш дароз, безчаҳои госсиполӣ дорад. Вазни пахтаи як кӯрак 6,7-7,3 г. Пунбадонааш байзашакл, тибиташ сафед. Вазни 1000 дона чигит 130 г.

Давраи наъунамояш аз кишт то пухтарасии ҳосил дар минтақаҳои гуногун 131-136 рӯз. Ҳосили барвақтии то фарорасии хунукиҳо 25-33 с/га, ҳосили умумиаш 40-42,9 с/га-ро ташкил мекунад. Баромади нахаш 32%. Лекин
дарозии нахаш ба 36-38мм баробар аст ва ба типи сеюм рост меояд. Нахаш сафеду чандир аст ва нисбат ба навъҳои дар истеҳсолот киштшаванда самаранокии иқтисодиаш 18% зиёд аст.

Ин навъ ба касалии вилти вертисиллиоз тобовар аст.

***Дар кадом минтақаҳо кишт намудан мумкин аст.*** Навъи Пулотон дар минтақаҳое, ки пахтаи маҳиннах мекоранд ва ҷамъи ҳарорати фоиданокаш 2200-2600 градусро ташкил мекунад, тавсия карда шудааст.

***Мӯҳлати оптимали кишт*** 5-15 апрел.

***Меъёри кишти чигит*** 100 кг. Дар заминҳои хокии ҳосилхез дар ҳар гектар 90 ҳазор бех ниҳол ва дар заминҳои санглоху ҳосилхезиаш паст 100-110 ҳазор бех ниҳол гузошта мешавад.

***Меъёри гизо:*** Ҳангоми ғизодиҳӣ ба таносуби 1,0-0,7-0,4 нитроген, фосфор ва калий риоя кардан зарур аст. Ба ҳар гектар андохтани на кам аз 200 кг нитроген, 150 кг фосфор ва 60 кг калий мувофиқи мақсад аст.

***Меъёри обмонӣ.*** Нақшаи обмонӣ аз ҷойгиршавии оби зеризаминӣ ва таркиби хок вобаста буда, нақшаи 1-4-3 ва 1-3-1 тавсия шудааст.

**Пахтаи маҳиннахи гулаш пӯшидаи «Авесто»**

Соли 2011 ноҳиябандӣ карда шуд

***Муаллифон:*** Негматов М.Н., Негматов Б.М., Абдуллоев Р., Содиқов Т.

***Пайдоиш.*** Дар натиҷаи дурагакунии шаҷараи шакли гулаш пӯшидаи (клейстогамии) КЛ-4 бо навъи истеҳсолии шакли гулаш кушодаи (хазмогамӣ) Термез-16 аз байни дурагаҳои насли дуюм ($Ғ_2$) интихоб карда шуда, дар филиали Суғди Институти зироаткории АИКТ офарида шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Баландии ниҳол 90-110 см буда, дар тирамоҳ танаи ниҳол ранги ҷигарии баландро мегирад. Шакли шохарониаш ҳудудноки бенавда (нулёвка). Вазни миёнаи пахтаи як кӯрак 2,5-3,0 г. Ранги нахаш сафеди ҷилонок буда, хело маҳину дароз аст. Мувофиқи санҷишҳои озмоишӣ бо системаи HVI дарозии миёнаи наххояш 41-41мм, нахаш ба типи якум тааллуқ дорад. Рақами метрикиаш 7489, доштнокӣ 4,9 г.с., дарозии кандашавӣ 38,2 км, индекси нахаш 7,8 ва баромади нах 35,0 – 36,0 % мебошад. Давраи нашъунамо 115 – 118 рӯз мебошад.

Аз касалии вилти вертитсиллёз ба дараҷаи умумӣ 7,4 – 8,5% сироят меёбад.

Дар минтақаҳои пахтаи маҳиннах мекоранд, кишт карда мешавад.

***Мӯҳлати оптимали кишт*** дар минтақаҳои гуногуни пахтакории ҷумҳурӣ аз 1-10 апрел ба ҳисоб меравад.

***Меъёри кишти чигит*** 50 – 60 кг дар як гектар.

***Меъёри гизо:*** нурии органикӣ 20-30 т/га, дар ғизодиҳии якум 50-70 кг/га нитроген, 50 кг/га фосфор; озуқаи дуюм 80-110 кг/га нитроген, 30 кг фосфор, 50 кг/га калий; дар озуқаи сеюм 60-80 кг/га нуриҳои нитрогенӣ, 40-50 кг/га фосфорӣ ва 30-50 кг/га калийдор.

***Меъёри обмонӣ*** 700-800 $м^3$/га.

**Пахтаи миёнанахи гулаш пӯшидаи**
**«20-солагии истиқлолият»**

Соли 2011 ноҳиябандӣ карда шуд

***Муаллифон:*** Негматов М.Н., Аҳмадов Ҳ.М., Негматов Б.М., Саидов С.Т., Абдуллоев Х.А.

***Пайдоиш.*** Дар натиҷаи дурагакунии шаҷараи баргаш қайчимонанди Л-461 бо шаҷараи шакли гулаш пӯшидаи (клейстогамии) КЛ-5 бо роҳи чандкарата гузаронидани интихоби фардӣ ва омӯзиши авлодӣ аз популятсияи дурагаҳои $Ғ_2$ соли 1997 интихоб карда шуда, дар филиали Суғдии Институти зироаткории АИКТ офарида шудааст.

***Тавсифоти умумӣ.*** Баландии ниҳол 100 – 110 см, шохаҳояш кушода, танаи асосии ниҳол боқувват буда, пашмак дорад. Баргаш миёнаи панҷамонанд. Гулаш ҳаҷми калон дошта, ранги гулбарги зарди пӯшида дорад. Ҳаҷми кӯракаш миёнаи лундашакл ва нӯги кӯрак тез мебошад. Вазни пахтаи як кӯрак 5,2-5,5 грамм. Нахаш ранги сафед дошта, дарозии нах 35-36 мм., нах ба типи чорум тааллуқ дорад. Баромади нах 36-37% мебошад. Навъ миёнарас буда, давраи нашъунамояш 125–130 рӯзро дар бар мегирад.

Ба касалии вилти вертитсиллёзӣ устувор аст.

Дар тамоми минтақаҳои пахтакорӣ ҷумҳурӣ барои кишт тавсия дода мешавад.

***Мӯҳлати оптимали кишт*** дар минтақаҳои гуногуни пахтакории ҷумҳурӣ аз 25 март то 20 апрел ба ҳисоб меравад.

***Меъёри кишти чигит*** 80 – 90 кг/га.

***Меъёри гизо.*** Андохтани миқдори умумии нуриҳои минералӣ ба андозаи 180-200 кг/га нитроген, 120-140 кг/га фосфор ва 80-100 кг/га калий (моддаҳои таъсиркунанда), Дар ғизодиҳии якум 50-60 кг/га нуриҳои азотӣ, 50 кг/га фосфорӣ, 30 кг/га калий. Дар озуқаи дуюм 100 кг/га нитроген, 40 кг/га фосфор, 20 кг/га калий ва дар озуқаи сеюм 100 кг/га нурии нитрогенӣ, 20 кг/га калийдор додан лозим аст.

***Меъёри обмонӣ*** аз рӯи нақшаи 1-3-1 600-1000 $м^3$/га, дар хокҳои миёна аз рӯи нақшаи 2-4-2 бо миқдори 400-600 $м^3$/га мебошад.